# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Шуморо барои иштирок дар конференсияи **ҷумҳуриявии** илмӣ-амалӣ дар мавзӯи **«Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир»**, ки бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 19 марти соли 2021 доир мегардад, лутфан даъват менамояд.

**Самтҳои асосии фаъолияти конференсия:**

1. Навовариҳо дар идоракунии таҳсилот.
2. Такмили раванди таълим дар мактаби олӣ.
3. Таълими ҳамгироии фанҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ.
4. Такмили ихтисоси омӯзгорон ҳамчун омили таъмини сифати таҳсилоти олӣ.
5. Нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар азнавсозии таҳсилот.
6. Таҳсилоти мобилӣ ҳамчун шарти мукаммалсозии таҳсилоти олии касбӣ.

Забони конференсия: тоҷикӣ ва русӣ.

Тарзи иштирок дар конференсия: мустақим (ҳузур доштан) ва фосилавӣ (онлайн-конфронс).

Маҷмӯаи мақолаҳои конференсия ба табъ мерасад. Маводе, ки дар маҷмӯаи мазкур ба нашр мерасад, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ ҷой дода мешавад.

Нашри маводи конференсия ройгон аст.

**Шартҳои иштирок дар конференсия.**

Сарфу харҷи сафари иштирокчиён ба зиммаи муассисае, ки онҳоро намояндагӣ мекунад, вогузошта шудааст.

**Мақолаҳо то 10-уми марти соли 2021 ба Кумитаи тадорукот** дар ҳаҷми 3-5 саҳифа дар шакли электронӣ, ки мазмуни он ба масъалаҳои баррасишавандаи конференсия мувофиқ бошад, қабул карда мешаванд.

**Мақолаҳо ба Кумитаи тадорукот** ба нишонии электронии **confrons@kgu.tj** фиристода мешаванд. Тасдиқи гирифтани мавод, интихоби он ва даъватномаи расмӣ ба воситаи нишонии электроние, ки мавод ба Кумитаи тадорукот ворид гардидааст, иттилоъ дода мешавад.

Ба муаллифон маҷмӯаи мақолаҳои конференсия зимни баргузории он супорида мешавад. Мақолаҳое, ки пас аз муҳлати муқарраргардида ва ё бе риояи талаботи пешниҳодшуда фиристода шудаанд, баррасӣ намешаванд. Аз муаллифон эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки мақолаҳоро пас аз таҳрири ҷиддӣ ирсол намоянд.

## ҚОИДАҲОИ ПЕШНИҲОДИ МАҚОЛА:

Формати мақола– А 4, андозаи ҳуруф 12 Times New Roman ё Times New Roman Tj, фосилаи байни сатрҳо – 1, ҳошияҳо аз ҳама тарафҳо – 2 см, бо риояи баробарии сатрҳо, фосилаи сархат (абзатс) – 1,25 см.

Унвони мақола аз мобайн ва бо ҳарфҳои калон. Пас аз фосилаи яккарата – насаб ва ҳарфҳои аввали ном ва номи падари муаллиф (муаллифон), номи муассиса (ташкилот) ва нишонии электронӣ.

Номгӯйи адабиёти истифодашуда дар охири мақола аз рӯйи тартиби алифбо оварда шуда, аз матни асосӣ бо як сатри холӣ ҷудо мешавад. Овардани манбаи иқтибос дар поварақ мумкин нест, яъне ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [] нишон дода шавад. Намуна: [3, с. 40], яъне адабиёти 3, саҳифаи 40.

Дар ҳолати ба мавзӯъҳои конференсия мутобиқ набудани матн ва риоя нашудани талаботи мазкур кумитаи тадорукот ҳуқуқи барои нашр тавсия надодани мақоларо дорад.

Телефонҳо: (833-22) 2-41-06, (+992) 918906365, (+992) 900103774

**Кумитаи тадорукот**